«ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_________________Раҳмон Д.С.
«________»__________________соли 2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзуи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст

Дар ҷомеаи муосир ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ дар ташаккули системаи донишҳо, ҷаҳонбинӣ ва роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Тарбияи роҳнамоии касбии хонандагон, наврасону ҷавонон қонеъ гардонидани талаботи шахсият ва рушди ҳамаҷонибаи онҳоро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ба беҳбудии фаъолияти якҷояи оила ва муассисаи таълимӣ дар омодасозии наврасону ҷавонон ба интихоби касб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд аҳамияти зиёд дода шавад.

Қабул гардидани Барномаи рушди роҳнамоии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ва «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аҳамияти муҳим дошта, аз ҷумла дар ҳуҷҷати аввалин чунин омадааст: "Барнома дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, арзишҳои миллию башарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра таҳия шудааст. Он имконият медиҳад, ки ислоҳоти системаи роҳнамоии касбӣ ва кафолати давлатии ҳуқуқи шаҳрвандон ба интихоби касб таъмин гардад. Тавассути ин Барнома роҳнамоии касбии шаҳрвандон новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, иркӣ, динӣ, қавмӣ, ҷинсӣ, забонӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк таъмин мегардад".

Ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар самти роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ва самарабахш гардондани раванди таълим бо истифодаи роҳу усулҳои педагогии муосир ба масъалаи мубрами ҳаёти иҷтимоии ҷомеа табдил

ёфтааст. Вобаста ба фикрҳои баёншуда, ҷиҳати баргузории таҳқиқот унвонҷӯ Акмалова Малоҳат Абдуллоевна мавзуи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон" интихоб намудааст.

Ҳадафи таҳқиқотро асосҳои назариявию амалии коркарди маҷмӯии чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, роҳҳои ҳамкории муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар раҳёфти тамоилҳои касбии наврасону ҷавонон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила ташкил медиҳад.

Падидаи навгонӣ ва бозёфти илмии рисолаи Акмалова Малоҳат Абдуллоевна бо он арзёбӣ мегардад, ки муаллиф аз нигоҳи тозаи пажӯҳиш масъалаи роҳҳои ҳамкории муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар раҳёфти тамоилҳои касбии наврасону ҷавонон баррасӣ намуда, хусусиятҳои таъсири онҳоро ба интихоби касб ва иҷтимоишавии хонандагон дар шароити муосир ошкор намудаст. Инчунин, шаклҳои педагогии ҳамкориҳои оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дар рушди тамоюлҳои касбии наврасону ҷавонон зимни интихоби касб дида баромада, аҳамияти ин равандро барои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир мавриди назар қарор додааст.

Дар идома диссертант таъкид менамояд, ки вазифаи асосӣ дар марҳилаи кунунӣ ин роҳандозии омодагиҳои ҳадафноки касбӣ дар доираи таълиму тарбияи хонандагон барои ташаккули малакаҳои зарурии истеҳсоливу иқтисодӣ, бахусус фаъолиятҳои соҳибкорӣ, мебошад, то ин ки он талаботи мавҷудаи бозори меҳнатро қонеъ карда тавонад. Агарчи, то ба имрӯз ҷанбаҳои мухталифи раҳнамоии касбии насли наврас мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, вале ҳанӯз масъалаҳои зиёди ташкили фаъолиятҳои ҳадафноки оила ва муассисаи таълимӣ дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Аз таҳлили адабиёти илмию методӣ бармеояд, ки пажӯҳиши масъалаи ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир аҳамияти илмию амалиро касб мекунад ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардани имкониятҳои раванди фаъолиятҳои корӣ дар шароитҳои нави иҷтимоӣ-иқтисодӣ барои ҷалби оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир ба тарбияи тамоилҳои касбии хонандагон мусоидат мекунанд.

Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дар бар мегиранд. Нақш ва мақоми ҳамкории оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дар рушди тамоюлҳои касбии наврасону ҷавонон бо гузаронидани

корҳои санҷишӣ-озмоишӣ тасдиқ карда шудааст.

Унвонҷӯ муваффақ шудааст, ки дар заминаи баҳисобгирии таҳқиқотҳои илмии психологӣ–педагогӣ, таҳлили осори фалсафию таърихӣ, қонун, стратегия ва барномаҳои давлатӣ вазъи нақши пешбарандаи оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосирро дар рушди хонанда, ҷанбаҳои назариявии ҳамкории муассисаҳои таълимӣ ва хонавода, назарияи фаъолияти педагогӣ дар раванди навоварӣ дар таълим, таълимот оид ба моҳият ва вазифаҳои тарбияи оила ва муассисаи таълимиро дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон амиқ омӯхта, дар асоси таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа нуқтаи назари хешро иброз намояд.

Дар рисолаи тақризшаванда ноил шудан ба ҳадаф ва санҷишу тасдиқи фарзия аз нигоҳи ҳалли масъалаву вазифаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтааст:

- нақши тамоюлҳои касбӣ дар роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон ошкор ва таҳқиқ карда шаванд;
- роҳҳои навини ҳамкории ҳадафмандона ва босамари оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар рушди роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мавриди коркард ва роҳандозӣ қарор ёбанд;
- шаклҳои педагогии ҳамкориҳои оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дар рушди тамоюлҳои касбии наврасону ҷавонон зимни интихоби касб ошкор ва нишон дода шаванд;
- маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, роҳҳои ҳамкории муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар ташаккули тамоюлҳои интихоби касбии наврасону ҷавонон мавриди баргузории корҳои озмоишӣ мавриди истифода ва натиҷагирӣ қарор дода шавад;
- ҷамъбасти корҳои санҷишӣ-озмоишӣ ва пешниҳодот дар асоси маҷмӯи натиҷаҳои бадастомада бо омӯзгорон, хонандагону волидон дар муассисаҳои пойгоҳӣ натиҷаҳои мусбатро нишон доданд;

Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат аст, ки аз диди назари нав таъсири оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар самти роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мавриди таҳқиқ қарор ёфт.

- маҷмӯи чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, роҳҳои ҳамкории муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар раҳёфти тамоюлҳои интихоби касби наврасону ҷавонон коркард карда шуд;

- байни оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа ҷиҳати рушди роҳнамоии касбии хонандагон восита ва шаклҳои ҳамкории мақсаднок ва доимӣ ба роҳ монда шуд;

- дар ташкили роҳнамоии касбии ҷавонону наврасон фаъолияти меҳнатӣ муҳим арзёбӣ гардида, дар шароити иқтисоди бозаргонӣ дарёфти роҳҳои ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир дар ин самт ба таври назариявӣ ва амалӣ асоснок карда шуд;

-дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ барои волидон, омӯзгорон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ коркард шуданд, ки ба баланд бардоштани сатҳи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мусоидат хоҳанд кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро вазъи роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон, технологияи муосири роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон зимни ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа, шароитҳои педагогии самараноки ташкили роҳнамоии касбии хонандагон ва ҳамкории муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа дар ин раванд аз ҷиҳати илмӣ дар бар мегирад. Пешниҳод ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия матраҳ гаштаанд, барои самаранокии бароҳмонии ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон мусоидат карда метавонанд.

Саҳми шахсии унвонҷӯ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо такя ба дастовардҳои илмҳои педагогию психологии муосир ва маводи озмоишҳои амалӣ бори нахуст масъалаи ҳамкориҳои оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ дар рушди тамоюлҳои касбии наврасону ҷавонон ба таври амиқу густурда мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ намудааст. Натиҷагирӣ аз кори амалӣ–таҷрибавӣ, ки дар диссертатсия ва маводҳои нашргардидаи муаллиф инъикос гардидаанд, таҳқиқу баррасии ҷабҳаҳои илмӣ–методии масъаларо ба таври комил дарбар гирифтаанд.

Қобили зикр аст, ки натиҷаи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Номаи Донишгоҳ, Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, маводи конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо баррасӣ шуда, дар мақолаҳо инъикос ёфтааст, ки 7 адади он дар нашрияҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд,

Дар боби якуми рисола -“ **Масъалаҳои назариявӣ ва методологии роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон**”-роҷеъ ба асосҳои илмию педагогии раванди ташкили тарбияи меҳнатии хонандагон ҳамчун самти асосии роҳнамоии касбӣ сухан рафта, моҳият ва хусусиятҳои ҳамкориҳои оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеа дар ин раванд ва роҳҳои самарабахши имконпазири ташкили он, омӯзиш ва таҳлили таълифоту таҳқиқоти илмӣ вобаста ба мавзуъ ба таври мушаххас мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтааст.

Ба андешаи муаллиф мақсади ҳамкории оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ – ташаккули шахсияти хонанда ба ҳисоб меравад. Раванди ҳамкории хонавода ва муассисаҳои таълимӣ бояд ба ворид гардидани волидайн ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ, фаъолияти беруназдарсӣ, ҳамкории хонандагон ва омӯзгорон дар рушди тамоюлҳои касбии наврасону ҷавонон равона карда шавад.

Равоншиносон муайян кардаанд, ки дар интихоби касб наврасон ба чунин хатогиҳо роҳ медиҳанд: интихоби касб бо таъсири падару модар; интихоби касб бо таъсири рафиқон; интихоби касб аз таъсири буҳронҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, инчунин аз ҷиҳати зоҳирӣ интихоб кардани касб ва бемақсад интихоб кардани он. Дар ин самт волидайн бояд нақши муҳимро бозанд. Онҳо имконияту қобилияти фарзандро ба инобат гирифта, дар ҳамкории зич бо омӯзгорону равоншиносон ба онҳо дар интихоби дурусти касб кӯмак расонанд.

Дар раванди кор бо волидон дар пайвастагӣ бо мазмун ва шаклҳои гуногуни кор дигаргуниҳои мувофиқ ба ҳадафҳову вазифаҳои таҳқиқотӣ ворид гардид. Ин дигаргуниҳо дар асоси натиҷагирӣ аз суҳбат, мушоҳида, баҳисобгирии дархосту фикру андешаҳо, вазъияти ба амал омадаи кори амалӣ ва ғайраҳо ба миён омад ва мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифт.

Натиҷаҳои ба дастомада собит мекунад, ки дар фаъолиятҳои меҳнатии хонандагон тафаккури техникӣ, амалӣ, эҳтимолӣ инкишоф ёфта, дар онҳо ҳисси масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва мутобиқшавӣ ба меҳнати дурудароз ташаккул меёбад. Ин ҷо, зикр кардан бамаврид аст, ки дар раванди ин ҳамкориҳо, ҳамчунон қобилияти хонандагон, истеъдод ва завқу рағбати онҳоро ҳам дар оила ва ҳам дар муассисаи таълимӣ ба ҳисоб гирифта мешавад, ки яке аз вазифаҳои муҳим ва мубрам ба ҳисоб меравад.

**Боби дуюми рисола "Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ доир ба самтҳои асосии фаъолияти муштараки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаро оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон"** дар бар гирифта, унсурҳои асосии таъсиррасони низоми тамоилҳои касбии хонандагон, ки сифатҳои арзишманди шахсияти онҳоро ифода мекунанд, муайян карда шуданд. Натиҷаҳои дар ҷараёни таҳқиқоти тӯлонӣ ба дастомада нишон медиҳанд, ки унсурҳои асосии сохторӣ, ки низоми тамоили касбиро ташкил медиҳанд, аз инҳо иборатанд: а) омӯзиши касб; б) таблиғоти касбӣ; в) машварати касбӣ; г) интихоби касб; д) мутобиқшавии касбӣ; е) омӯзиши шахсияти хонандагон бо мақсади тамоили касбӣ; з) тарбияи касбӣ; и)мутобиқшавии иҷтимоӣ-касбӣ.

Мувофиқи мақсади таҳқиқоти мазкур шароитҳои педагогии самаранокии ҳамкориҳои оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ муайян гардида, системаи комили тамоили касбии хонандагонро таҳия ва дар амал ҷорӣ гардид. Таҳияи чунин банизомдарорӣ ба муайян намудани унсурҳои ташаккулёфтаи система, муайян кардани вазифаҳо, муносибатҳои онҳо, инчунин усули огоҳии васеъ дар ҷараёни фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ бо василаи иртиботҳои расонаӣ (радио, телевизион, рӯзномаҳои деворӣ, мизҳои мудаввар) асос ёфтааст, ки имкон медиҳанд амали ҳар унсури банизомдарорӣ бо ҳам ҳамоҳанг шаванд. Ҳамзамон, дар ин росто саволномае ба волидон пешкаш шуд, ки онро утоқи роҳнамоии касбӣ ҳамроҳ бо кумитаи падару модарон тартиб дода буд.

Таҷрибаи бисёрсола ва натиҷаҳои амалии таҳқиқот нишон дод, ки бо истифодаи унсурҳо, вариантҳо ва сатҳҳои дар боло зикршуда на танҳо муваффақиятҳои муайян ба даст омаданд, балки баъзе камбудиҳо аз қабили: - номувофиқатии фаъолияти падарону модарон, омӯзгорон, роҳбарони синфҳо, омӯзгорони таълими меҳнатӣ ҳам дар ташкили корҳои тамоили касбӣ ва ҳам дар роҳандозии тарбияи меҳнатии хонандагон оид ба самти касбӣ;- омодагии заъифи субъектҳои ин муассисаҳои омӯзишӣ дар ташкили чорабиниҳои тамоили касбии хонандагон, низ ошкор шудаанд.

Аз натиҷа маълум гардид, ки аксарияти волидон моҳияти тамоилҳои касбӣ ва аҳамияти онҳоро, инчунин таъсиррасонии манфӣ ва мусбатро дар ташаккули шахсият чандон дарк намекунанд, аз вижагиҳои синнусолӣ ва муҳим будани ба ҳисоб гирифтани ин махсусиятҳо дар раванди тарбияи оилавӣ хабар надоранд. Вале дар натиҷаи гузаронидани семинари илмӣ-амалӣ, ки кормандони маркази касбӣ ва омӯзгорон ба он ҷалб гардида буданд ва аз натиҷаи пурсишномаи дигари такрории волидон дар охири соли таҳсил ба чунин хулоса расидем, ки ҷараёни болоравии маърифати волидон дар мавриди тамоилҳои касбӣ ва ҳидояти касбӣ мушоҳида мешавад.

Таҷрибаи ибтидоии ин нақша нишон дод, ки ҳамкориҳо байни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар самти роҳнамоии касбӣ ва шӯроҳои педагогиро дар самти пурзӯр кардани кори ташкили интихоби ибтидоии касбии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва бо кор таъмин кардани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, метавон васеъ кард.

Ба андешаи муаллиф роҳнамоии интихоби касбӣ ин раванди махсус ташкилшудаи таҳқиқотиест, ки ҳадафи он бо ёрии усулҳои илмии асоснок гардида, муайян кардани дараҷа ва имкониятҳои ташкили

тиббӣ, психофизиологӣ, иҷтимоӣ-психологии лоиқ будани шахсият ба омӯзиш, омодагӣ ба касби муайян мебошад.

Пояи таҳқиқотӣ ва татбиқи амалии нуқоти илмӣ, методҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, корҳои анҷомдода дар ҳар як давраи таҳқиқот, мантиқи фикрронии довталаб, сарфи назар аз баъзе норасоиву камбудиҳои ҷузъӣ, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Муаллифи диссертатсия тавассути баргузории корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ собит сохтааст, ки истифодаи усулҳои психологию педагогӣ ва шаклу воситаҳои муосир барои самаранокии низоми ҳамкориҳои оила, ҷомеа ва муассисаи таълимӣ, дар шаклгирии муносибати бошууронаи наврасону ҷавонон ба роҳнамоии касбӣ зимни таҳсил ва берун аз он бешубҳа мусоидат менамоянд.

Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада. Аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ риоя гардидани муҳлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор додани методҳои мувофиқ ба объект, мавзуъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти миқдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии тасвиби озмоиш дар амалияи таълиму тарбия ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро таъмин намудаанд.

Дастгоҳи илмӣ ва сохтори диссертатсия, автореферати он мувофиқи талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда дар сатҳи хуб таҳия гардида, муҳтавои автореферат ба мазмуни диссертатсия мувофиқ ва тасаввуроти аниқро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад. Мақолаҳои дар нашрияҳои илмии тақризшаванда батабърасондаи унвонҷӯ муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсиониро фаро мегиранд.

Дар умум, рисолаи илмии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзӯи “Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи педагогикаи ватанӣ мебошад.

**Эродҳо ба кори диссертатсионӣ**. Дар баробари дастовардҳои муҳими илмӣ диссертатсия ва автореферати он аз камбудиву норасоиҳо холӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили мазмуну мундариҷаи рисола муфид хоҳад буд. Аз ҷумла:

1. Муқоисаи натиҷагирӣ аз санҷиши озмоишӣ мебоист дар боби дуюми рисола ва автореферат васеътар дар шакли диаграмма ва расмҳо бо нишон додани тафовути гурӯҳҳои озмоишӣ арзёбӣ мешуд, ҳарчанд ки ақида ва натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф комил ва фаҳмову дастрасанд.
2. Дар боби дуюми диссертатсия, зербоби 2.2. роҳнамоии касбии наврасону ҷавононро дар ҳамкорӣ бо ҷомеаи муосир васеътар таҳқиқу пешниҳод мекарданд, натиҷаи кори анҷомдода пурратар кушода дода мешуд.
3. Зимни таҳлилу омӯзиш мушоҳида гардид, ки дар рисолаи илмӣ бархе аз иктибосҳои овардашуда аз кадом манбаъ истифода шуданд, тахти рақамгузорӣ қарор наёфтаанд.
4. Дар матни диссертатсия ва автореферат хатогиҳои услубӣ ва нуқсонҳои техникӣ, баъзе ҳолатҳои риоя нашудани муқаррароти Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ба назар мерасад, ки ислоҳ мехоҳанд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои зикршуда арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Акмалова Малоҳат Абдуллоевнаро дар мавзӯи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон", дар ҳудуд ва миқёси мавзуи таҳқиқшуда халалдор намекунад. Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузоштагшуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Диссертант аз адабиёти илмии зарурӣ дар самти таҳқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дорад.

## ХУЛОСА

Рисолаи илмии Акмалова Малоҳат Абдуллоевна дар мавзӯи "Ҳамкории оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир оид ба роҳнамоии касбии наврасону ҷавонон" ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Лоиқов Парвиз Ҷумахонович мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Акмалова Малоҳат Абдуллоевна иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогика 11 нафар устодону омӯзгорони донишгоҳ иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 11 нафар, "бетараф" - нест, "муқобил" - нест (қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 17.02.2023, №2.

Раиси ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методӣ,
мудири кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Назаров Ҳотам Сарфарозович

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Лоиқов Парвиз Ҷумахонович

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ — Расулова Нодира Сайдаламовна

17.02.2024

**Маълумот барои тамос:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб,
кӯчаи Сангак Сафаров 16;
Тел:(83322)2 35 06; E-mail: info@kgu.ti: www.kgu.ti

Имзои Назаров Ҳ.С., Лоиқов П.Ҷ. Расулова Н.С.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.